«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
**Директори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Содиқзода Хурсанд Сафар**

**«___» ____________ соли 2026.**

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Каримзода Марворид Олим таҳти унвони «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисола ба шиносномаи ихтисоси 1.5.34. Физиология, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бандҳои зерин тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад:

**Мувофиқи банди 1.** Омӯзиши қонуниятҳо ва механизмҳои нигоҳдории доимиятӣ муҳити дохилии организм;

**Мувофиқи банди 3**. Таҳқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асабӣ, иммунӣ, сенсорӣ, ҳаракатӣ, хун, гардиши хун, гардиши лимфа, нафаскашӣ, ихроҷ, ҳозима, инкишоф, тарашуҳи дохилӣ ва ғайра);

**Мувофиқи банди 5.** Таҳқиқи динамикаи равандҳои физиологӣ дар тамоми давраҳои инкишофи организм;

**Мувофиқи банди 9.** Таҳлил, тавсиф ва омӯзиши механизмҳои биоритмҳои равандҳои физиологӣ;

**Мувофиқи банди 12.** Механизми физиологии мутобиқшавии ба ҳама гуна шаклҳо, намудҳо ва шароитҳои фаъолият аз он ҷумла ба шароити экстремалӣ. Коркарди муханизми идоракунии мутобиқшавии функсияҳои физиологии одам ба шароитҳои қаҳратуни табиӣ- иқлимӣ;

**Мубрамяти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити иқлими гарм баланд шудани ҳарорати ҳаво ба фаъолияти муътадили организм таъсир мерасонад. Дар раванди афзоиш ва инкишоф, бо назардошти шароити муайяни зист ва ғизо, организми зинда нисбатан зуд ба таъсири омилҳои гуногуни муҳити зист дучор мешавад. Дар баробари ин, тағйирот дар нишондиҳандаҳои дохилӣ, аз ҷумла фишори хун низ мушоҳида мешавад. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо истифодаи оқилонаи бентонитҳои маҳаллӣ ва сафедаҳои витаминию минералии премиксҳои хӯрокӣ ба вояи 80 гр илова намудан, ба реҷаи ғизои

гӯсолаҳо ҳамчун катализатор дар раванди мубодилаи моддаҳо дар организм ва таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва гематологӣ инчунин ба афзоиш ва инкишофи вазни зинда, экстерйери гӯсолаҳои то синни 6 моҳа падидаи нав ва муҳим буда, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд. Истифодаи минералҳои табиӣ, аз ҷумла гили бентонит, дар ратсиони ҳайвонот ба беҳтар шудани равандҳои ҳозима ва баланд гардидани самаранокии ҷаббиши моддаҳои ғизоӣ дар рӯда мусоидат менамояд. Гили бентонит ва премиксҳо ба нигоҳ доштани тавозуни обу электролитҳо, кам кардани стрессҳои гармӣ, афзоиши қобилияти мутобиқшавии организм ва фаъолияти самараноки ҷигар ва гурда мусоидат мекунанд. Ин хусусият аз нуқтаи назари иқтисодӣ аҳамияти муҳим дошта, метавонад ба коҳиш додани хароҷоти вобаста ба истеҳсоли иловаҳои минералии сунъӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиии маҳаллӣ мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши самаранокии физиологӣ, мубодилавӣ ва иқтисодии истифодаи бентонит дар ғизодиҳии ҳайвонот, бахусус дар шароити иқлими гарм, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда аз он ҷиҳат эътимоднок мебошад, ки диссертант зимни таҳқиқоти худ бо истифодаи усулҳои муосири физиологӣ таҳлили натиҷаҳо тасдиқ кардааст. Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастовардашуда боэътимод буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Дар шароити водии Ҳисор бори аввал маълумотҳои нав оид ба таъсири бентонит ва комплекси иловагиҳои бентонитдори сафедаву витамину минералӣ премикси «Буққача»-и истеҳсоли ватанӣ ба раванди физиологию биохимиявӣ ва инчунин ба мубодилаи моддаҳо, афзоиш ва инкишофи гӯсолаҳои зоти алои тоҷикӣ то синни 6 моҳагӣ омӯхта шуда, маълумотҳои назарас ба даст оварда шуд.

Исбот шудааст, ки дар дараҷаи гуногуни ғизои ширии истеъмол намудаи гӯсолаҳо дар давраи аз таваллуд то 6-моҳагӣ, илова кардани бентонит бо вояи 80-100гр ва 80гр премикс ратсиони хӯрок ба мубодилаи нитроген, аминокислотаҳои ивазнашаванда, моддаҳои минералӣ, нерӯ, ҳазмшавии моддаҳои ғизоии ратсиони хӯрокҳо, дигаргунии хун, афзоиш, инкишоф ва пардохти хӯрок таъсири мусбат мерасонад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Маводи бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар раванди таълим ва фаъолияти илмӣ мавриди истифода қарор гирад. Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таҳияи лексияҳо, гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ аз фанҳои «Биохимия», «Хӯронидани чорвои кишоварзӣ» ва «Физиологияи чорвои кишоварзӣ» дар доираи ихтисосҳои дахлдори муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки барои тайёр намудани

бакалаврҳо, магистрҳо ва докторони PhD пешбинӣ шудаанд, истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, маводи таҳқиқотӣ барои анҷом додани корҳои минбаъдаи илмӣ дар муассисаҳои тадқиқотии самтҳои биологӣ, зооинженерӣ, биотехнологӣ ва бойторӣ аҳамияти амалӣ дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда бори аввал дар шароити таҷрибавӣ муайян карда шуд, ки истифодаи бентонит ба миқдори 80–100 г ва 80 г премикси «Буққача» ҳангоми парвариши гӯсолаҳо бо маҳдуд намудани ҳаҷми хӯрокҳои ширӣ то 120 кг шири холис, махсусан дар фасли тобистон, имкон медиҳад, ки аз ҳисоби моддаи хушки ратсион сатҳи афзоиши вазни зинда ба нишондиҳандаҳои ҳангоми истифодаи 150 кг шири холис дар як моҳ наздик таъмин карда шавад. Ҳамзамон, масрафи хӯрок барои гирифтани 1 кг афзоиши вазни зинда 11% коҳиш ёфта, аз 4,2 то 3,7 воҳиди хӯрока паст гардид ($P<0,01$). Ҳамин тариқ, ворид намудани бентонит ва премикс ба ратсиони гӯсолаҳо дар шароити кам намудани ҳиссаи хӯрокҳои ширӣ ба баланд шудани афзоиши миёнаи шабонарӯзии вазни зинда ва самаранок истифода шудани хӯрок мусоидат менамояд.

Самаранокии амалии натиҷаҳои бадастомада бо татбиқи онҳо дар шароити истеҳсолӣ тасдиқ гардид. Натиҷаҳои таҳқиқот дар хоҷагии кооперативии зотпарварии ба номи А. Юсупови шаҳри Ҳисор, фермаи ширии Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ, инчунин дар як қатор хоҷагиҳои фермерии хусусии минтақаҳои марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеҳсолот ворид карда шуданд. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо интихоби дурусти объект ва усулҳои тадқиқот, истифодаи усулҳои муосири физиологӣ, биохимиявӣ, зоотехникӣ ва оморӣ, ҳаҷми кофии маводи таҷрибавӣ, риояи нақшаи таҷрибавӣ ва такроршавандагии таҳқиқот таъмин гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз усулҳои коркарди омории маълумот таҳлил шуда, арзишҳои миёна (М), хатои миёна (±m) ва дараҷаи эътимоднокии фарқиятҳо (p) муайян карда шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Муаллиф барнома ва усули таҳқиқотро мустақилона таҳия намуда, доир ба мавзуи тадқиқшаванда адабиёти заруриро мутолиа карда, иқтибосҳо гирифтааст. Вай гурӯҳҳои таҷрибавии чорворо ташкил карда, ҳазмшавии моддаҳои ғизоии вояи хӯрока, мубодилаи таҷрибаҳо, хусусиятҳои физиологӣ, нишондиҳандаҳои клиникӣ ва гематологӣ, мубодилаи газу нерӯӣ, афзоиш, инкишоф, коркарди омории маълумотҳои ба дастомадаро омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқотро дар интишорот ва ҷобаҷогузории рисолаи номзадӣ ва автореферат инъикос намудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот аз ҷониби Каримзода М.О. дар як қатор

конференсияҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ пешниҳод шудаанд. Ин натиҷаҳои таҳқиқот 20 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия нашр кардааст. Вай доир ба мавзуъ 1 –монография ва 2 дастури методӣ, ки дар онҳо тавсияҳои амалӣ оид ба ҳазмшавии вояҳои моддаҳои ғизоии гӯсолаҳо, мубодилаи моддаҳо ва суръати афзоиш ва инкишофи нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни онҳо дар шароити водии Ҳисори Тоҷикистони марказӣ таҳия карда шудааст, ба табъ расонидааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтори ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 169 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст, ки он аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, боби 1 «Асосҳои илмӣ-назариявии таъсири гили бентонит ва премикс ба мубодилаи моддаҳо», 2 боби «Шароит, мавод ва усулҳои тадқиқот», бобҳои 3-оид ба натиҷаҳои таҳқиқот, боби 4 баррасии натиҷаҳои тадқиқот ва хулоса, феҳристи адабиёт иборат мебошад. Дар диссертатсия 25 ҷадвал ва 16 расм, оварда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 195 номгӯй иборат буда, аз он 35 номгӯй ба забони англисӣ оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо дар диссертатсияи пешниҳодшуда норасогиҳое, ки хусусияти ҷузъи доранд, дида мешавад:

- **Такрори маълумот ва ҷумлаҳои шабеҳ** Дар матн як қатор маълумотҳо такроран оварда шудаанд (масалан, дар бораи таркиби хун, ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ, шароити нигоҳдорӣ). Ин боиси вазнин ва дароз шудани матн гардидааст ва сохтори илмиро суст мекунад.
- **Номувофиқии сохтори қисматҳо** Баъзе бахшҳо (масалан, тавсифи шароити иқлим, усулҳои таҳлил ва натиҷаҳо) бе ҷудокунии равшан ба қисмҳои “усул”, “натиҷа” ва “муҳокима” омехта оварда шудаанд, ки ба талаботи кори илмӣ мувофиқ нест.
- **Норасоии мантиқ дар пайдарҳамии фикрҳо** Дар баъзе ҷойҳо гузариш байни мавзӯъҳо ногаҳонӣ аст (масалан, аз мубодилаи моддаҳо ба мубодилаи газҳо ё ба таркиби хун), ки пайдарҳамии мантиқиро суст мекунад.
- **Истифодаи зиёди истилоҳоти номуайян ва номувофиқ** Баъзе истилоҳот нодуруст ё норавшан истифода шудаанд (масалан: “селюлит” ба ҷои “клетчатка”, “нобуд кардани азот”, “ҳарорати гармии бадан”). Ин метавонад ба дурустии илмии матн таъсир расонад.

- **Набудани шарҳи кофии усулҳои оморӣ**
Гарчанде ки зикр шудааст, ки “Excel” ва “Стюдент” истифода шудааст, аммо тарзи ҳисоб, сатҳи аҳамият ва асоснокии интихоби усулҳо пурра шарҳ дода нашудааст.
- **Номувофиқии баъзе рақамҳо ва воҳидҳо**
Дар як қатор ҷадвалҳо ва ҳисобҳо хатогиҳои форматкунӣ ва номувофиқии воҳидҳо дида мешаванд (г/л, %, г, кг), ки муқоисаи дақиқро душвор месозад.
- **Боркунии зиёди матн бо маълумоти рақамӣ**
Матн хеле серрақам ва ҷузъӣ шудааст, вале таҳлили хулосавӣ ва шарҳи натиҷаҳо нисбатан кам оварда шудааст.
- **Набудани таҳлили амиқи илмӣ (муҳокима)**
Бештари натиҷаҳо танҳо тавсиф шудаанд, вале шарҳи сабабҳо ва муқоиса бо тадқиқоти дигарон кам дида мешавад.
- **Баъзе хатогиҳои услубӣ ва грамматикӣ**
Дар ҷумлаҳо такрори калимаҳо, сохти дароз ва душворфаҳм, инчунин истифодаи нодурусти пайвандакҳо ба назар мерасад.
- **Хулосаҳо бештар тавсифӣ мебошанд**
Қисми хулоса бештар натиҷагирии рақамӣ дорад, вале хулосаи умумии илмӣ ва назариявӣ камтар таҳким ёфтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки нуқсонҳои дар рисола мавҷудбуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва аҳамияти натиҷаҳои бадастомада таъсири манфӣ намерасонанд. Бартараф намудани ин камбудиҳо ва такмили баъзе ҷанбаҳои кори диссертатсионӣ метавонад мазмуни онро боз ҳам мукаммал намуда, ба арзиши илмӣ ва сифати умумии он мусоидат намояд.

Диссертатсияи номзадии Каримзода Марворид Олим аз ҷиҳати сатҳи илмӣ, назариявӣ ва аҳамияти амалӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ буда, бо риояи меъёрҳои муқарраргардидаи таҳияи корҳои илмӣ омода шудааст. Дар раванди таҳқиқот саҳми мустақилонаи муаллиф дар интихоби самти таҳқиқот, таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи хулосаҳои илмӣ равшан мушоҳида мегардад. Бо дарназардошти мазмун, натиҷаҳои илмӣ ва аҳамияти амалии он, кори диссертатсиониро ҳамчун таҳқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ намудан мумкин аст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Каримзода Марворид Олим ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси талаботҳои бандҳои 76, 79 ва 81-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби дотсенти кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрока, факултети муҳандисӣ-технологии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 16.00.02 – Патология, онкология, морфология животных, Муҳиддинов Анваридин Риёзиддинович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрока, факултети муҳандисӣ-технологии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, аз ҷониби номзади илмҳои техникӣ баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст, протоколи № 1 аз «01» сентябри 2026 сол. Ҳузур доштанд __12__ нафар. Овоз доданд: «Тарафдор» ___12___, «Зид» ______, «Бетараф» ______.

**Раис,**
мудири кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи
ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ
н.и.х., дотсент, Тошхоҷаев Н.А.

**Эксперт**
доктори илмҳои биологӣ,профессори кафедраи
ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Муҳиддинов А.Р.

**Котиби илмии ҷаласа** Атаева Р.А.

Суроғаи муассисаи пешбар:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ҳаким Карим 52
Институти политехникии Хуҷанди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ
Сомонаи расмӣ дар интернет: www.polytech.tj
Суроғаи почтаи электронӣ: tnah@mail.ru
Телефонҳои тамос:
тел.: (+992 3422) 60454, +992 92 715 35 05

Саҳеҳии имзоҳои раиси ҷаласа номзади илмҳои химия,
дотсент Тошхоҷаев Н.А., коршинос доктори илмҳои биологӣ,
профессор Муҳиддинов А.Р. ва котиб Атаева Р.А. тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
назорати иҷро, Юсупова М.Ш.

ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДТТ БА НОМИ АКАДЕМИК М.С. ОСИМӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТИ ИҶРО